**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Файзиева Дилноза Изатуллоевна дар мавзӯи “Иқтидори саноатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

1. Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Файзиева Дилноза Изатуллоевна “Иқтидори саноатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида ба шумор меравад, ки дар он ҳалли муаммоҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ, ташкилӣ-методии равандҳои асосии ташаккул, самтҳои афзалиятноки афзоиш ва истифодабарии иқтидори саноатии вилояти Суғд ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Таҳқиқоти илмӣ ҷанбаҳои назариявию амалии ташаккули иқтидори саноатӣ, асоснок намудани заминаҳои методии арзёбии иқтидори саноатии минтақа дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти саноатӣ-аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи тадбирҳои мушаххас оид ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи иктидори саноатӣ дар иқтисодиёти минтақаро фаро мегирад.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32 ва 33 – и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои муҳим ва таҳқиқшаванда дар соҳаи иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудиро дарбар мегирад ва он бо забони давлатӣ таҳия гардидааст.

Иқтидори саноатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа ба баланд бардоштани самаранокии он мусоидат менамояд. Дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти саноатӣ-аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранокии истифодабарии иқтидори саноатӣ аҳамияти муҳим касб кардааст, зеро ташаккул, афзоиш ва самаранок истифодабарии он рушди устувори ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти минтақаро таъмин менамояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Мавзӯъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, ки вобаста аз он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми декабри соли 2021, таҳти №349 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:

- низомбандӣ намудани асосҳои назарияҳои саноатикунонии иқтисоди минтақа ва дар асоси он ворид намудани саҳеҳӣ ба мафҳуми иқтидори саноатӣ. Тибқи мафҳуми муаллифӣ "иқтидори саноатии минтақавӣ – ин маҷмӯи захираҳои истеҳсолӣ, табиӣ, молиявӣ, инсонӣ, иншоотҳои инфрасохторӣ, институтсионалӣ, инноватсионӣ ва омодагии онҳо, ки барои таъмини рушди соҳаи саноатӣ нигаронида шуда, дар баланд бардоштани некӯаҳволии иқтисодии ҳудуди алоҳидаи маъмурии маконӣ" мебошад.

- муқаррар шудааст, ки баҳри арзёбии иқтидори саноатии минтақа услуби (методикаи) гуногун вуҷуд дорад. Мудаллал гардидааст, ки методикаи арзёбие, ки барои шароити вилояти Суғд мутобиқат менамояд усули интегралӣ буда, дар асоси нишондиҳандаҳои андозагирии ҷузъҳои таркибии иқтидори саноатӣ инъикос мегардад, яъне: - имкониятҳои истеҳсолӣ (ҳаҷми маҳсулоти рақобатпазир); имкониятҳои инноватсионӣ (маҳсулотҳои экологӣ ва каммасраф) ва имкониятҳои идоракунӣ (паст кардани хароҷотҳои маъмурӣ) мебошад.

- асоснок намудани вазъи истифодабарии иқтидори саноатӣ дар минтақаи вилояти Суғд дар натиҷаи баҳогузории нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодӣ аст. Тибқи он шаҳру ноҳияҳо сатҳи самаранокии гуногун доранд: дар сатҳи баланд қарор доранд ноҳияи Айнӣ, шаҳри Гулистон, шаҳри Панҷакент, дар сатҳи миёна шаҳри Бӯстон, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, ноҳияи Зафаробод, ноҳияи Мастчоҳ, дар сатҳи паст ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, ноҳияи Шаҳристон, шаҳри Истиқлол. Сабабҳои ба талабот кофӣ набудани самаранокии иқтидори саноатӣ муайян карда шудааст, инчунин фарсудашавии фондҳои асосӣ; технология ва таҷҳизоти кӯҳна; музди меҳнати нокофии кормандони соҳаи саноат, яъне муҳандисон ва мутахассисон; норасоӣ дар рушди соҳибкории саноатӣ; муаммоҳо дар ташкили раванди идоракунӣ; монеъаҳои маъмурӣ ва ғайра.

- арзёбии иқтидори саноатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар асоси баҳогузории ҷузъҳои таркибии он ва истифодабарии услуби интегралӣ, ки тавассути он имкониятҳои дар соҳаи саноатии минтақа дар амал татбиқ намудан асоснок карда шудааст. Исбот гардидааст, ки дар истифодаи нисбатан хуби иқтидори саноатӣ шаҳру ноҳияҳои сегонаи пешқадам: аввал – шаҳри Панҷакент, дуввум – шаҳри Гулистон, саввум – шаҳри Истиқлол мебошад. Вале онҳо нисбатан нишондоди хуб дошта бошад, бо тарзи мутлақ ҳоло имкониятҳои зиёди истифоданашударо соҳиб аст. Ба гурӯҳи ақибмонда; ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ, Шаҳристон, Деваштич, Ашт дохил мешаванд, ки ҳоло онҳо иқтидори худро ба амал пурра ҷорӣ накардаанд ва сатҳи истифодабарии иқтидори саноатӣ хеле паст аст.

- аз таснифоти умумии соҳаи саноатии вилояти Суғд 3 қисми шартии дорои иқтидори бузурги саноатӣ **муайян карда шуд:** қисми марказӣ (ш. Хуҷанд, ш.Бӯстон, ш.Гулистон, ш. Истиқлол, ноҳияи Б. Ғафуров), қисми

ғарбӣ (ноҳияҳои Айнӣ, ш. Истаравшан) ва қисми шарқӣ (ш. Конибодом, ш. Исфара). Дар ин қисмҳои шартӣ корхонаҳои саноатии пешқадам, бо иқтидор ва имкониятҳои истеҳсолии саноатии бузург қарор дошта, он барои ташаккулёбии модели рушди саноатӣ- аграрӣ комилан мувофиқ мебошад.

- коркарди механизми самаранок истифодабарии иқтидори саноатии минтақа, ки баҳри васеъ, мустаҳкам намудани он мусоидат менамояд ва самтҳои афзалиятноки ташкил ва истифодабарии иқтидори саноатии вилояти Суғд муайян карда шудааст, ки барои арзёбии самаранок истифодабарии иқтидори саноатии минтақа сатҳи боздеҳи фондҳои корхонаҳои саноатӣ дар миқёси ҷумҳурӣ ахамияти калон дорад ва барои мубодилаи иқтисодиёти минтақа ба сатҳи саноатӣ-аграрӣ имконият фароҳам меорад.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ оид ба ташаккул, афзоиш ва арзёбии иқтидори саноатии минтақа ва дар ин асос баланд бардоштани самаранокии соҳаи саноатӣ афзоиши даромади аҳолиро таъмин менамояд. Зиёд шудани даромади ахолӣ мақсади асосии ташаккулёбии иқтисодиёти саноатӣ-аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар натиҷаҳое, ки дар рисолаи диссертатсионӣ оварда шудааст.** Натиҷаҳои асосии тадқиқоти илмӣ дар конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, семинарҳои илмӣ-назариявии кафедраҳои идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг, назарияи иқтисодии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” (2019-2022) ба тариқи маърӯзаҳои илмӣ пешниҳод шудаанд.

Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияхо оид ба истифодаи онхо.

**Аҳамияти таҳқиқоти** илмӣ дар рушди назариявию методӣ ва мустанад гардонидани тадбирҳои амалӣ ифода меёбад, ки иқтидори саноатиро муайян намуда, ба самаранок истифодабарии он дар минтақа нигаронида шудааст. Зеро дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти саноатӣ-аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбии истифодабарии иқтидори саноатии вилояти Суғд: вазъ ва тамоюлҳои рушд, таъсири афзоиши иқтидори саноатӣ ба ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ахамияти муҳим пайдо мекунад. Муайян намудани самтҳои афзалиятноки афзоиш ва истифодабарии иқтидори саноатии вилояти Суғд рушди устувори минтақаро таъмин менамояд.

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқот дар корхонаҳои саноатии вилояти Суғд истифода бурда шуда истодаанд. (маълумотнома оид истифодабарӣ таҳти № 2891-1/11 аз 27 декабри соли 2021) ва ҳамзамон дар ҷараёни таълим дар МДТ «Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар раванди омӯзиши фанҳои назарияи иқтисодӣ, макроиқтисодиёт, иқтисодиёти ҷаҳонӣ, иқтисодиёти корхона, танзими давлатии иқтисодиёт дар тайёр намудани мутахассисон дар соҳаи иқтисодиёт истифода бурда мешавад (маълумотнома дар бораи татбиқ таҳти № 01/19325 аз 24-уми декабри соли 2021). Инчунин, хулосаю пешниҳодҳои рисолаи диссертасионӣ рушди соҳаи

саноати вилоят, ба баланд бардоштани самаранок истифодабарии иқтидори саноатии Вилояти Суғд саҳми худро гузошта метавонад. Баъзе хулосаҳои илмии кори диссертатсиониро дар барномаҳои таълимии “Иқтисодиёти минтақа”, “Макроэкономика” ва “Иқтисодиёти корхонаҳо” истифода бурдан мумкин аст.

а) Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 11 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳаҷми 3,91 ҷ.ч.) ба табъ расидаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияиҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мувофиқ мебошад.

б) Дар диссертатсияи Файзиева Д.И. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъҳаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъҳаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

в) Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи Файзиева Д.И. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп нагардидаанд, мавҷуд нест.

Мутобиқи банди 61-и Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, ҳамчунин бандҳои 67,69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Файзиева Дилноза Изатуллоевна дар мавзӯи “Иқтидори саноатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад;
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқотиашон ба ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат дорад, ба ҳайси муқарризони расмӣ шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- **Каримова Мавзуна Тимуровна,** мудири шӯъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- **Раҳмонов Ҷалолиддин Равшанқулович,** мудири кафедраи иқтисодиёти корхона ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар **Донишкадаи кӯҳӣ – металлургии Тоҷикистон** тайин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи назарияи иқтисодии ДДҲБСТ,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Исмоилова М.М.

Аъзоёни комиссия:
Арбоби шоистаи илм ва техникаи ҶТ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи иқтисодиёти муҳандисӣ ва
менеҷменти Донишкадаи политехникии
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи
академик М.Осимӣ Назаров А.А.

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи баҳисобгирии
бухгалтерии ДДҲБСТ,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Дадоматов Д.Н.

“ 18 ” июни соли 2022.